Муъминро рӯзи қиёмат ба Парвардигораш наздик мекунанд, то он ки Худо ӯро ба раҳмати худаш фаро гирад

Аз Сафвон ибни Муҳриз ривоят аст, ки гуфт: Марде ба Ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) гуфт: Дар бораи нақво (суҳбати пинҳонӣ миёни банда ва Парвардигораш) аз Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чӣ шунидай? Ибни Умар гуфт: Ман аз ӯ шунидам, ки мефармуд: "Муъминро рӯзи қиёмат ба Парвардигораш наздик мекунанд, то он ки Худо ӯро ба раҳмати худаш фаро гирад. Сипас Худованд гуноҳони ӯро ба ёдаш меорад ва ба ӯ мегӯяд: Оё ин гуноҳонатро мешиносӣ? Муъмин мегӯяд: Парвардигоро, бале, мешиносам. Худованд мегӯяд: Ман ин гуноҳонро дар дунё бар ту пӯшида будам, ва имрӯз онҳоро бар ту мебахшам. Сипас ба ӯ дафтари некиҳо ва савобҳояш дода мешавад. Аммо кофирон ва мунофиқон, дар назди ҳамаи махлуқот бо садои баланд нидо карда мешаванд: инҳо ононе ҳастанд, ки бар Худо дурӯғ бастанд."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи муноҷоти Худованд бо бандаи муъминаш дар рӯзи қиёмат хабар додааст. Ӯ фармуд: Муъмин дар рӯзи қиёмат ба Парвардигораш наздик карда мешавад ва Худованд ӯро бо пардаи иффат ва пӯшиши Худ аз дигарон пинҳон мекунад, то ҳеҷ кас ҷуз Худо ба сирри ӯ огоҳ нашавад. Сипас Худованд ба ӯ мегӯяд: Оё фалон ва фалон гуноҳро дар ёд дорӣ? Ва гуноҳонеро, ки байни банда ва Парвардигораш буданд, ба ёдаш меорад. Муъмин мегӯяд: Бале, Парвардигори ман. То ин ки муъмин ҳаросон мешавад ва метарсад, Худованд мегӯяд: Ман гуноҳонатро дар дунё пӯшонидам ва имрӯз онҳоро бар ту мебахшам. Сипас ба ӯ номаи некиҳояш дода мешавад. Аммо кофир ва мунофиқ дар назди ҳамаи халқ нидо карда мешавад: Инҳо он касоне ҳастанд, ки бар Парвардигорашон дурӯғ гуфтанд. Огоҳ бошед, лаънати Худо бар золимон бод.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4242